**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-109-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002-Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

«09» феврали с.2026 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба самти таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ равона гардидааст, ки ба рушди соҳаи мазкур мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар фаъолияти ташклотҳои ғайритиҷоратӣ дар раванди таҳкими амнияти иқтисодӣ васеъ истифода гарданд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33- и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002-Амнияти иқтисодӣ), ки аз рӯйи

он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми декабри соли 2025 № 489/ш.д ҳуқуқ барои ҳимояи диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002-Амнияти иқтисодӣ) Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дода шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 15 мақола аз он ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсияи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик маълумотҳои носаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз ҷониби довталаб чопгардида мавҷуд надорад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи « Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000-Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002-Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқаррароти расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Амонова Дилбар Субҳоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон (ДСРТ);

**Изатуллои Ҳабибзод** - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051002-Амнияти иқтисодӣ, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикисон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Ҷонмамадов Ш.Б.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Мирсаидов А.Б.**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Қодирзода Ф.А.**

*Имзоҳои Ҷонмамадов Ш.Б., Мирсаидов А.Б. ва Қоирзода Ф.А. - ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИД АМИТ **Махсутшоева З.**